# (Саволу ҷавоб дар боби намоз)

[ Тоҷики ]

**Мисбоҳиддини Ҳомид**

Таҳия ва таҳқиқ : Амирҳамзаи Ҳомид

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ أسئلة و أجوبة في باب الصلاة ﴾

« باللغة الطاجيكية »

مصباح الدين حميدوف

مراجعة: أمير حمزة حميدوف

2009 - 1430

islamhouse.com

Савол :1
Ҳукми намоз дар ислом чист?

Ҷавоб :1
Намоз баъд аз шаҳодати -Лоилоҳа иллаллоҳ ва анна Муҳаммадан расулуллоҳ -яке аз асостарин пояҳои ислом аст, Худованди бузург дар чанд ҷой Қурон барои баҷо овардани у амр кардааст.

Намоз барой ҳар як фарди болиғ ва оқил хоҳ мард ва хоҳ зан фарз аст ва ҳар касе ки ин фарзияти уро инкор кунад бе ягон шаку шубҳа кофир шуда аз ислом хориҷ шудааст.

Савол :2
Дар сини чан солаги бояд фарзандонро ба хондани намоз амр кунем?

Ҷавоб :2
Паёмбар -друду салом бар У бод-мефармояд "Фарзадонатонро дар синни ҳафт солагӣ ба хонданӣ намоз амр кунед, ва дар синнӣ даҳсолагӣ агар намоз нахонанд онҳоро бизанед" ва дар хобгоҳ байни фарзандонатон ҷудои андозед"

ва дар ривояти дигар омадааст ки "Дар синни ҳафт солаги кудакро таълими хондани намоз бидиҳед ва дар синни даҳсолаги агар намоз нахонд уро бизанед " ва барой ҳар як падар воҷиб аст ки бояд ъаҳд кунад ки фарзандонаш барой адои намоз амр мекунад,

Худованди мефармояд: "Амр кун аҳл ва хонаводаӣ худро ба адои намоз ва худ низ ба он қоиму сабркунанда бош".

Савол :3
Фарди мусалмон дар як шабонаруз бояд чанд бор намоз бихонад ?

Ҷавоб :3

Бар ҳар як фарди мусалмон хоҳ мард бошаду хоҳ зан ба гарданаш фарз аст ки дар як шабонаруз панч бор намоз бихонад.

Вақти аввал, намози Бомдод, вақташ аз дамидани субҳ то баромадани зардии офтоб.

Вақти дувум, намози пешин, вақташ аз байди заволи офтоб (ҳар як чизе ки сояаш пайдо шавад) то вақте ки сояй ҳар як чиз мисли ду баробараш бошад.

Вақти сеюм, намози Аср, вақташ аз баромадани намози пешин сар мешавад то ғуруби офтоб ва пайдо шудани зардияш.

Вақти чаҳорум, намози Шом, вақташ аз ғуруби офтоб то нобуд шудани (шафақи аҳмар) сурхи.

Вақти панҷум, намози Хуфтан, вақташ аз нобуд шудани сурхи то баромадани субҳи содиқ.

Савол : 4
Шартҳои сиҳатии намозро ки бидуни онҳо намоз чойз намешавад баён кунед?

Ҷавоб :4
Аввал ин ки намоз гузор бояд аз аввал то охири намоз

пой бо таҳорат бошад

Дувум ин ки бояд чое ки намоз мегузорад аз ҳар гуна начосат ва палиди пок бошад.

Севум ин ки намоз гузор бояд либоси поке пушад ки тамоми авраташро бипушонад чунки кашфи аврат ва либоси бенамоз намозро ботил мегардонад.

Чаҳорум ин ки бояд ҳар як намоз дар вақташ гузошта шавад чунки таъхир кардан ё барвақт хондани намоз, намозро ботил мегардонад.

Панҷум ин ки намозгузор бояд руй ба тарафи қибла биистад.

Шашум ин ки намоз гузор бояд дар намоз бо ният дохил шавад, ва дар дили худ бидонад ки акнун кадом намозро мехонад, ва ҳамчунон барои муқтадӣ( шахсе ки аз паси эмом намоз мегузорад) нияти мутобиъатӣ (пайрави кардан) эмом низ лозим аст.

Савол : 5
Дар намоз чанд фарз аст? хоҳиш мекунам баён кунед.

Ҷавоб :5
Фарзҳои намоз шашто аст:

Аввал: Такбири таҳрима (дохил шудан дар намоз бо аввалин такбир).

Дувум : Қиём (рост истодан дар намоз).

Севум: Баъди сураи фотиҳа (замми сура кардан) хондани чанд оят.

Чаҳорум: Рукуъ кардан

Панчум: Саҷда кардан.

Шашум: Қаъдаи охир (нишастан дар охири намоз миқдори ташаҳҳуд яъне хондани аттаҳиёт).